**Суратҷаласаи № 17**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА – 024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

29. 07. соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд**: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ)

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси гурӯҳи комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ, д.и.т., профессор Латифов Ҷ.Л. баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ заммима мегардад).

**Қарор карда шуд**:

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

Шарифов Раҳмоналӣ Ятимович – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Исмоилова Машҳура Буҳоватдиновна – номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон таъйин карда шавад.
4. Барои нашри автореферат, ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани эълон ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 7-уми октябри соли 2026 таъйин карда шавад.
6. Барои чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ д.и.т.** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ н.и.т.** **Умаров А.Қ.**